***ТАҚРИЗИ***

**роҳбари илмӣ дар бораи диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи тахассуси 10.02.01 – забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Омӯзиши ҷараёни ташаккул ва таҳаввули забонҳои алоҳидаи эронӣ, бавижа шакли адабии он яке аз масоили муҳим дар эроншиносии муосир ба шумор меравад. Дар ин росто осори бозмонда аз марҳилаи аввали ташаккули забони адабӣ барои ташреҳи равандҳое, ки дар таҳаввули низоми грамматикӣ, луғавӣ ва фонетикии он сурат гирифтааст, аҳаммияти бузургеро касб мекунад. Сарфи назар аз ин, ки дар байни забони адабии форсӣ (тоҷикӣ) ёдоварӣ гардидааст ва забони адабии асрҳои XII-XIV, ки дар осори илмӣ ҳамчун марҳилаи инкишоф ва такомули меъёрҳои забони адабии форсӣ (тоҷикӣ) ёдоварӣ гардидааст ва забони адабии асрҳои X-XI, ки даврони ташаккул ва пойдории меъёрҳои адабии забони форсии дарӣ маҳсуб мешавад, марзи дақиқе таъйин кардан мушкил аст, забон ва сабки ин ду марҳила то ҳадде аз ҳам тафовут дорад. Масъалаи таҳаввули меъёрҳои луғавию грамматикии истеъмоли феълҳо, инкишофи шаклҳои феълӣ дар забони форсии навин (форсии дарӣ) дар шумули муҳимтарин масоили инкишофи забони адабии форсии дарӣ қарор дорад.

“Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ яке аз осори арзишманди забони адабии асри XII ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқи хусусиятҳои забонии он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар рушди илми забоншиносии форс-тоҷик аст, зеро китоби мазкур дар замоне таълиф гардидааст, ки забони адабии тоҷикӣ дар марҳилаи тасбит ва инкишофи сабку меъёрҳои адабӣ қарор дошт.

Баъзе аз масоили марбут ба матни “Таърихи Бухоро”-и Абӯбакри Наршахӣ, ки аз ҷумла корбурди луғоти феълӣ, қаблан дар осори донишмандони ватаниву хориҷӣ низ баррасӣ гардида буданд, аммо дар рисолаи номзадии Б. Раҳмонов бори нахуст дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи системавӣ ва томми луғоти феълӣ ва калимасозии феъл дар ин асар анҷом дода шудааст. Дар кори илмии унвонҷӯ феълҳои содда, сохта ва таркибӣ, сохтори луғавӣ, калимасозӣ ва грамматикии онҳо ба сурати синхронӣ ва диахронӣ баррасӣ гардида, бар мабнои таҳлили қиёсӣ хусусиятҳои истеъмоли афъол дар асари Наршахӣ нишон дода мешавад.

Унвонҷӯ дар пеши худ мақсад гузоштааст, ки хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии корбурди феълҳоро дар матни тарҷумаи форсии асар таҳқиқ намуда, вижагиҳои хосси сабки муаллифро дар истеъмоли луғоти феълӣ ошкор созад. Барои расидан ба ин мақсад ӯ бар мабнои маводи фаровони забонӣ таснифоти луғавию семантикии феълҳоро анҷом дода, дар асоси он феълҳоро ба гурӯҳҳои хосси луғавию семантикӣ тақсим намуда, таҳлили омори дараҷаи истеъмоли феълҳоро дар матни мазкур ба амал баровардааст. Ҳамчунин хусусиёти феълҳои мавриди корбурди муаллиф, ки дар забонҳои муосири гурӯҳи форсӣ аз истеъмол хориҷ шудаанд, нишон дода шуда, роҳҳои инкишофи категорияҳои грамматикии феъл, таҳаввули вижагиҳои замонию намудҳои он пайгирӣ гашта, бар пояи таҳлили амиқи сохтори грамматикии афъол типҳои асосии сохтории онҳо муайян карда мешаванд ва низ зимни баррасии унсурҳои калимасоз нақши онҳо дар ғанӣ гаштани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ошкор сохта шуда, нақши феълҳои ҳамкард дар сохтани афъоли таркибӣ таъйин ва бар мабнои шохисҳои луғавию дастурӣ навъҳои онҳо нишон дода мешаванд (АДН, 6).

Мазмуну муҳтавои диссертатсия баёнгари он аст, ки дар маҷмӯъ муаллиф ба ҳадафҳо ва вазоифи дар пеш гузоштааш дастёб шудааст. Муносибати ҷиддӣ ба далелҳои забонӣ ба унвонҷӯ имкон додааст, ки моҳияти масъалаи таҳқиқотиро хуб дарк кунад ва қонунмандиҳои асосии тамоюлҳои инкишофи рӯйдодҳои луғавӣ ва низоми феълии забони форсии дариро бар пояи маводи як асар ошкор сохта, равобити тарафайни омилҳои забонӣ ва фарозабониро дар ҷараёни рушди зернизоми луғавӣ нишон диҳад.

Чунин хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ мисли дараҷаи истифодаи феълҳо, хусусиятҳои маъноии феълҳои серистеъмол, хусусиятҳои луғавии феълҳои камистеъмол, таснифи маъноӣ ва баромади феълҳо, истеъмоли феълҳои модалӣ, тағйироти сохтори маъноӣ ва ғайра дар ҳафт зерфасли боби аввали рисолаи номзадӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил шудаанд.

Ҳадафи таҳқиқи боби дувуми рисола сохтори калимасозии феъл дар матни “Таърихи Бухоро” буда, дар он феълҳои содда, сохта ва таркибии забон таҳлил шуда, унсурҳои шаклсози онҳо муайян карда шудаанд.

Дар боби охири диссертатсия чунин масъалаҳои муҳимми ҷанбаи дастурии корбурди феълҳо дар асар аз қабили шаклгирии асосҳои феълӣ, хусусияти феълҳои дуруст ва нодуруст ва шаклҳои тасрифи онҳо, хусусиёти феълҳои бавоситаву бевосита ва истифодаи шаклҳои сиғавии шаклҳои феълҳо ва амсоли он баррасӣ шудаанд.

Дар охири кор бар пояи пажӯҳишу таҳлиле, ки дар бобҳои дохилии рисола анҷом шудааст, хулосаҳои унвонҷӯ оварда шудааст.

Кори илмии Раҳмонов Б. Н. кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботҳое, КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи тахассуси 10.02.01 – забони тоҷикӣ пешниҳод намудааст, ҷавобгӯ мебошад. Унвонҷӯ то ин замон дар робита ба мавзӯи таҳқиқотии диссертатсия як монография ва даҳ мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки ҳаштои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Рисолаи тақризи гувоҳи он аст, ки унвонҷӯ қобилияти хуби мустақилона анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дошта, афкору орои худро асоснок мегардонад. Нуктаҳои боло имкон медиҳанд, то диссертатсияи номзадии Б.Н. Раҳмонов ба ҳимоя пешниҳод гардад.

E-mail: aziz_mirboboev@mail.ru

Тел.: + 992935846542

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ,

мудири кафедраи назария ва амалияи

забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мирбобоев Азизхон

18.01.2019.

Имзои Мирбобоева Азизхонро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Давлатхон